# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023

То 30 июни соли 2023 дар бозори суғуртаи кишвар 16 ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) фаъолият намуданд, ки аз ин теъдод 1 ададро ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) ва 15 ададро ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и ғайридавлатӣ ташкил доданд. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар муқоиса ба нимсолаи якуми соли 2022 аз сабаби барҳамхӯрии ЧДММ "ТС Меҳрубон" ва ҶСП "ТС Кафил" ба ду адад кам гардид. Шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, дар давраи баррасишаванда 67 ададро ташкил дод, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли қаблӣ 5 адад кам мебошад. Камшавӣ асосан аз ҳисоби барҳам хӯрдани филиалҳои зараровари КВД "Тоҷиксуғурта" рух додааст.

***Ҷадвали 1. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғураткунӣ) ва филиалҳои онҳо дар нимсолаи якуми соли 2023***

*(бо адад)*

| | *1/2022* | *1/2023* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** | **18** | **16** | **-2** |
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 1 | 1 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и ғайридавлатӣ | 17 | 15 | -2 |
| **Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ** | 72 | 67 | -5 |

**Дороиҳои умумии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар нимсолаи якуми соли 2023 ба 766,8 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 191,5 млн. сомонӣ, ё 33,3 фоиз зиёд мебошад. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур аз ҳисоби зиёд гардидани дороиҳои ҶДММ

“ТС Бима” - 2,5 маротиба, ҶДММ “ТС ”Меҳнат” - 2,3 маротиба, ҶДММ “Суғуртаи асри 21” - 74,6 фоиз, ҶСП ТС “Паймон Иншуренс” - 32,9 фоиз, ҶСП “ТС”Суғуртаи аввалини миллӣ” - 27,8 фоиз ва ҶДММ ТСА “Спитамен Иншуренс” - 11,9 фоиз ба амал омадааст.

Дороиҳои низоми суғурта рушди устувор дошта, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба сатҳи баландтарин расиданд.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин давра ба 2,2 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД 0,6 фоизро ташкил намуд.

***Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023***

*(млн. сомонӣ)*




Дар нимсолаи якуми соли 2023 уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар 331,5 млн. сомониро ташкил доданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 114,8 млн. сомонӣ (53,0 фоиз) зиёд мебошад. Зиёд гардидани нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби зиёд гардидани уҳдадориҳои тавозунии ҶДММ “Суғуртаи асри 21” - 5,5 маротиба, ҶДММ “Суғуртаи Шарқ” - 4,9 маротиба, ҶДММ “ТС “Меҳнат” - 3,9 маротиба, ҶДММ ТСА “Спитамен Иншуренс” – 65,3 фоиз ва ҶСП ТС “Паймон Иншуренс” – 40,3 фоиз ба амал омадааст.

*Диаграммаи 2. Тағйирёбии ӯҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023*




**Маблағҳои худии (сармояи)**[1] **низоми суғуртаи кишвар** дар нимсолаи якуми соли 2023 ба 435,4 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 76,7 млн. сомонӣ ё 21,4 фоиз зиёд гардиданд. Сармояи (фонди) оинномавӣ ба санаи 30 июни соли 2023 333,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 53,9 млн. сомонӣ ё 19,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

Риоя намудани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо афзудани сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар мусоидат менамояд ва ин раванд давра ба давра аз устувор гаштани пойгоҳи пулии ташкилотҳои суғуртавӣ шаҳодат медиҳад.

*Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023*




*Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023*




**Теъдоди умумии шартномаҳои басташуда** дар моҳҳои январ - июни соли ҷорӣ ба 1 032,2 ҳазор адад баробар шуд, ки дар қиёс ба

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

ҳамин давраи соли 2022 ба миқдори 121,8 ҳазор адад (13,4 фоиз) афзудааст. Афзоиши ин нишондиҳанда дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мусбат арзёбӣ гардида, ба фарогирии молиявии доираи васеи аҳолӣ низ таъсир мебахшад.

***Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023***




**Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** дар нимсолаи якуми соли 2023 маблағи 194,3 млн. сомониро ташкил дод. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) нисбат ба нимсолаи якуми соли 2022 тамоюли зиёдшавӣ дошта, ба андозаи 27,9 млн. сомонӣ ё 16,8 фоиз афзудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ҶДММ “Суғуртаи асри 21”- 5,5 маротиба, ҶДММ “ТС Сипаҳр” – 4,3 маротиба, ҶДММ “ДС суғурта” - 2,7 маротиба, ҶДММ “ТС” Меҳнат” - 2,5 маротиба, ҶДММ ТСА “Спитамен Иншуренс” – 66,2 фоиз, ҶСП ТС “Паймон Иншуренс” – 34,9 фоиз ва ҶСП “ТС”Суғуртаи аввалини миллӣ” – 31,4 фоиз мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бештар ҷамъоварӣ шудааст.

***Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023***

*(млн. сомонӣ)*




Дар нимсолаи якуми соли 2023 мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)[2] аз рӯйи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 736,9 ҳазор сомонӣ ва 37,8 млн. сомониро ташкил намуд, ки суғуртаи ҳатмии давлатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 116,4 ҳазор сомонӣ ё 18,7 фоиз ва суғуртаи ҳатмӣ ба маблағи 3,1 млн. сомонӣ ё 10,9 фоиз зиёд шудааст.

Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ бошад, ба 155,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 80,2 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавиро дар низоми суғуртаи кишвар ташкил медиҳад. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи ин шакли суғурта дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 21,5 млн. сомонӣ ё 16,0 фоиз афзоиш ёфтааст.

***Диаграммаи 7. Тағйирёбии мукофоти суғуртавӣ аз рӯйи шаклҳои суғурта дар солҳои 2016-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023***




[2] Ҳаҷми воридоти умумии мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯйи шаклҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ, ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ҷудо мешавад. Таҳлилҳои оморӣ исбот менамоянд, ки ҳиссаи бештари воридоти мукофоти суғуртавӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ рост меояд.

**Уҳдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар нимсолаи якуми соли 2023 маблағи 98,0 млрд. сомониро ташкил додаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 10,3 млрд. сомонӣ ё 11,7 фоиз зиёд мебошад.

Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар ин давра 74,9 млрд. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба нимсолаи якуми соли 2022 11,6 млрд. сомонӣ ё 18,3 фоиз афзоиш дорад.

***Диаграммаи 8.*** **Хавфҳои базиммагирифта ва интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2022 ва нимсолаи якуми соли 2023**




**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** бошад, дар давраи баррасишаванда ба 61,6 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 9,9 млн. сомонӣ ё 19,1 фоиз зиёд мебошад.

**Захираҳои суғуртавӣ** дар охири нимсолаи якуми соли ҷорӣ 252,1 млн. сомониро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 92,4 млн. сомонӣ (57,9 фоиз) зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур аз афзоиши устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар шаҳодат медиҳад.

Чунин афзоиш дар ҶДММ “Суғуртаи асри 21”- 5,2 маротиба, ҶДММ “ТС Бима” - 4,6 маротиба, ҶДММ “Суғуртаи Шарқ” - 4,5 маротиба, ҶДММ ТСА “Спитамен Иншуренс” - 3,9 маротиба, ҶДММ

"ТС"Меҳнат" - 3,5 маротиба, ҶДММ "ДС суғурта" - 2,5 маротиба ва ҶДММ "ТС Эсхата - Суғурта" - 2,5 маротибаро ташкил медиҳад.

**Пардохтҳои суғуртавӣ (ҷубронҳои суғуртавӣ)** дар нимсолаи якуми соли 2023 тамоюли коҳишёбиро ба худ касб намуда, дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавии рухдода аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар ин давра дар ҳаҷми 9,8 млн. сомонӣ анҷом дода шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 311,1 ҳазор сомонӣ (-3,1 фоиз) камтар мебошанд.

*Диаграммаи 9. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2016-2022ва нимсолаи якуми соли 2023*




*Диаграммаи 10. Тағйирёбии таносуби пардохт (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2016-2022ва нимсолаи якуми соли 2023*




**Ба ҳолати 30 июни соли 2023 ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар низоми бонкии кишвар 53,9 млн. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 14,4 млн. сомонӣ ё 36,5 фоиз зиёд мебошад. Раванди афзоиши пасандозҳо барои сармоягузорӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** дар нимсолаи якуми соли 2023 ба 70,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 13,8 млн. сомонӣ (24,3 фоиз) зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳо дар низоми суғуртаи кишвар (ROA) дар нимсолаи якуми соли 2023 ба ҳисоби миёна 9,2 фоизро ташкил дода, нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) бошад, ба 16,2 фоиз баробар гардид.

